**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОРИ**
**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

**аз «12» июля соли 2018, № 442**

Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 08 майи соли 2018, №329 "Дар бораи додани иҷозат ба шаҳрванд Умаров Ф.Р. барои сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, бо ҷойгиронии маркази савдо дар ошёнаҳои аввал ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таҳхонаи онҳо, дар заминаи бинои камошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Шотемур", 59

Муроҷиати шаҳрванд Умаров Фидо Раҷабалиевич аз 29 июни соли 2018, № У-2640 ҷиҳати ворид намудани тағйирот ба қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 08 майи соли 2018, №329 "Дар бораи додни иҷозат ба шаҳрванд Умаров Ф.Р. барои сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, бо ҷойгиронии маркази савдо дар ошёнаи аввал ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таҳхонаи онҳо, дар заминаи бинои камошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Шотемур, 59 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва моддаи 55 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Дар ном, муқаддима ва матни қарор пас аз калимаи дар ошёнаҳои аломат ва калимаҳои якум, дуюм, сеюм ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таҳхонаи блоки А, қисми оташнишонӣ дар ошёнаҳои якум, дуюм ва таҳхонаи блоки Б дар заминаи биноҳои мавҷудаи камошёнаи истиқоматӣ ва хадомоти давлатии оташнишонӣ, воқеъ дар кӯчаҳои Шотемур, 59 ва М.Турсунзода, 37 илова карда шавад.

2. Дар банди 1 баъд аз калимаи маркази савдо калимаҳои дар ошёнаи якум, дуюм, сеюм ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таҳхонаи блоки А, қисми оташнишонӣ дар ошёнаҳои якум, дуюм ва таҳхонаи блоки Б дар заминаи биноҳои мавҷудаи камошёнаи истиқоматӣ ва хадомоти давлатии оташнишонӣ, воқеъ дар кӯчаҳои Шотемур, 59 ва М.Турсунзода, 37 иваз карда шавад.

3. Дар банди 2 баъд аз калимаи пас аз дастрас намудани Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба калимаи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ иваз карда шавад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Зувайдзода М.М. гузошта шавад.

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН

Рустами Эмомалӣ

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОРИ**
**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «08» майи соли 2018, №329

Дар бораи додани иҷозат ба шаҳрванд Умаров Ф.Р. барои сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, бо ҷойгиронии маркази савдо дар ошёнаҳои аввал ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таххонаи онҳо, дар заминаи бинои камошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Шотемур, 59

Муроҷиати шаҳрванд Умаров Фидо Раҷабалиевич аз 23 апрели соли 2018, №У-1644 оид ба додани иҷозати сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, бо ҷойгиронии маркази савдо дар ошёнаҳои аввал ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таххонаи онҳо, дар заминаи бинои камошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Шотемур, 59 баррасӣ намуда, бо дарназардошти шартномаҳои ба моликият супоридани квартираҳо барои бартарафсозӣ бо шарти пайдо кардани ҳуқуқи моликият ба маркази савдо ва квартира дар бинои навбунёдшаванда аз 18 январи соли 2018, ДШ№0887616, ӯҳдадорӣ оид ба сохтмони бинои қисми оташнишонӣ дар заминаи бинои қисми оташнишонӣ мавҷудбуда, воқеъ дар кӯчаи М.Турсунзода, 37 аз 4 апрели соли 2018, ДШ№0903823, ки дар идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар феҳрасти тахти №2ш-105 ва 20Д-848 ба қайд гирифта шудааст, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаҳои 7 ва 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 14 ва 66 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба шаҳрванд Умаров Фидо Раҷабалиевич барои сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, бо ҷойгиронии маркази савдо дар ошёнаҳои аввал ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таххонаи онҳо, дар заминаи бинои камошёнаи истиқоматӣ, воқеъ дар кӯчаи Шотемур, 59 бе тағйир додани сарҳад ва иҳотаи атрофи он, иҷозат дода шавад.

2. Шаҳрванд Умаров Фидо Раҷабалиевич сохтмони биноҳоро, ки на кам аз 19 (нуздаҳ) ошёна, бо ҷойгиронии маркази савдо дар ошёнаҳои аввал ва таваққуфгоҳи наклиётӣ дар таххонаи онҳо иборат бошад, тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, дар асоси лоиҳаи дахлдор пас аз дастрас намудани Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, хулосаи экспертизаи он ва иҷозати Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳри Душанбе оид ба оғози корҳои сохтмонӣ амалӣ намуда, баъди анҷоми сохтмон иншоотҳои мазкурро барои мавриди истифодабарӣ қарор додан ба комиссияи давлатии қабул пешниҳод намояд.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе Зувайдзода М.М вогузор карда шавад.

Рустами Эмомалӣ